# 5.1 (12.00.00) ПРАВО
# 5.1 ҲУҚУҚ
# 5.1 LAW

## 5.1.1(12.00.01) ТЕОРЕТИКО-ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ
## 5.1.1 ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ
## 5.1.1 THEORETICO-HISTORICAL-JURIDICALL SCIENCES

*УДК 342*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-1-5-13*

### *КОНСЕПСИЯИ СОТСИАЛИСТӢ ВА АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ*

***Воситов Хамзаали Абдувохитович,*** *н.и.ҳ., муаллими калони кафедраи фанҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, институти Ҳуқуқшиносии МТДФБ ТО «Донишгоҳи давлатии уқёнуси Ором» (Хабаровск, Русия)*

### *СОЦИАЛИСТИЧЕСКАЯ КОНЦЕПЦИЯ И КОНСТИТУЦИОННАЯ ОСНОВА ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ*

***Воситов Хамзаали Абдувохитович,*** *канд. юрид. наук, ст. преподаватель кафедры общих и специальных юридических дисциплин Юридического института ФГБОУ ВО «Тихоокеанский государственный университет» (Хабаровск, Россия)*

### *SOCIALIST CONCEPT AND THE CONSTITUTIONAL BASIS OF HUMAN RIGHTS IN SOVIET TAJIKISTAN*

***Vositov Khamzaali Abduvahitovich.,*** *candidate of juridical sciences, senior lecturer of the common and special Law department, Institute of the Federal State Budget General Institution of Higher Education "Pacific State University" (Habarovsk, Russia)* ***E-MAIL:*** *khamzaali0071@mail.ru*

*Давраи шӯравии амалигардонии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон, идеологияи коммунистӣ, консепсияи сотсиалистии ҳуқуқи инсон, ки ба баробарии иҷтимоӣ, коллективизм, афзалияти ӯҳдадориҳо ба арзишҳои фарҳангии таърихан ташаккулёфтаи халқи тоҷик асос ёфта буд, баррасӣ шудааст. Таъкид гардидааст, ки солҳои 20-30-уми асри XX ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон хусусияти конститусионӣ пайдо кардааст, ки дар конститутсияҳои ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Ғайр аз ин консепсияи сотсиалистии ҳуқуқи инсон асоси конститутсияҳои Тоҷикистони шӯравиро дар солҳои 1929, 1931, 1937 ва 1978 ташкил кардааст. Ба ин муносибат, бешубҳа, консепсияи шӯравии сотсиалистии ҳуқуқи инсон дар фазои пасошӯравӣ, ки ноҳақ ба боди фаромӯшӣ супурда шудааст, ҷолиби диққат мебошад. Аз як тараф, асоснок карда мешавад, ки принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи шӯравӣ барои дигар давлатҳои ҷаҳон дар ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон намуна буданд ва ба мазмуни Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон (1966) таъсир расониданд, аз тарафи дигар, робитаи мутақобилаи арзишҳо ва муқаррароти идеологии ҳуқуқи шӯравӣ бо арзишҳои анъанавии ҳуқуқии ҷомеаи тоҷик нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи инсон, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, коллективизм, ҷамъияти сотсиалистӣ, Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон*

*Освещается советский период реализации конституционных прав граждан,*

*коммунистическая идеология, социалистическая концепция прав человека, основанная на социальном равенстве, коллективизме, превалировании обязанностей над правами, с исторически сформировавшимися культурными ценностями таджикского народа. Утверждается, что в 20–30-е годы XX столетия права человека в Таджикистане приобрели конституционный характер и нашли отражение в конституциях СССР и Таджикской ССР. Кроме того, социалистическая концепция прав человека легла в основу конституций Советского Таджикистана 1929, 1931, 1937 и 1978 годов. В этой связи представляет несомненный интерес обращение к оказавшейся незаслуженно забытой на постсоветском пространстве советской социалистической концепции прав человека. С одной стороны аргументировано, что принципы и нормы советского права стали образцом для других стран мира в деле защиты социальных прав граждан и повлияли на содержание Международного пакта об экономических, социальных и культурных правах человека (1966 г.), с другой стороны, показывается взаимосвязь ценностей и идеологических установок советского права с традиционными правовыми ценностями таджикского общества.*

***Ключевые слова:*** *права человека, социальные права, коллективизм, социалистическое общество, Союз Советских Социалистических Республик, Конституция Таджикской ССР*

*The article speaks about the Soviet period of the constitutional rights of citizens, communist ideology, the socialist concept of human rights based on social equality, collectivism, the prevalence of duties over rights with the formation of historically cultural values of the Tajik people. It is supported that in the 20-30s of the twentieth century, human rights in Tajikistan obtained a constitutional character and were reflected in the Constitutions of the USSR and the Tajik SSR. Moreover, the socialist concept of human rights formed the basis of the Constitutions of Soviet Tajikistan in 1929, 1931, 1937 and 1978. As a result, it offers a certain interest to turn to the Soviet socialist concept of human rights, which turned out to be undeservedly forgotten in the post-Soviet space. On the one hand, it is supported that the principles and norms of Soviet law became a model for other countries of the world for protecting the social rights of citizens, and influenced the content of the International Covenant on Economic, Social and Cultural Human Rights (1966), on the other hand, the relationship of values and ideological settings of the Soviet law with traditional legal values of Tajik society is shown.*

***Key words:*** *human rights, social rights, collectivism, socialist society, communism, Soviet Union of Social Republics - USSR, Constitution of the Tajik SSR*

Ду воқеаи таърихии асри XX – Инқилоби Октябр ва ташкил ёфтани ИҶШС муносибатҳои доктриналиро ба ҳуқуқҳои инсон дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқии он куллан тағйир дода, ба вазъияти ҳуқуқи инсон дар тамоми ҷаҳон низ таъсир расонд.

Дар ибтидо асоси ҳуқуқии ба амал баровардани ҳуқуқҳои инсон дар давлат ва ҷамъияти шӯравӣ Эъломияи ҳуқуқҳои халқи меҳнаткаш ва истисморшаванда буд, ки онро Съезди III Умумирусиягии Шӯроҳо моҳи январи соли 1918 қабул карда буд [1, с. 235]. Дар фасли IV-и ин санади меъёрӣ чунин омадааст: «Ҳокимият бояд комилан ва танҳо ба оммаи меҳнаткашон ва намояндагии ваколатдори онҳо – ба Шӯрои вакилони коргарон, аскарон ва деҳқонон тааллуқ дошта бошад» (моддаи 215). Ҳамчунин муаллифони монографияи «Консепсияи сотсиалистии ҳуқуқи инсон» чунин изҳор мекунанд: «Эъломияи ҳуқуқи меҳнаткашон ва истисморшавандагон, ки баъд аз ғалабаи инқилоби якуми сотсиалистӣ дар ҷаҳон қабул карда шудааст, ҳуқуқу озодиҳоро на бо инсони абстрактӣ, балки бо синфи коргару меҳнаткашон алоқаманд мекунад...» [13, с. 51]. Дар эъломия ғояи диктатураи пролетариат таҷассум ёфта, ба муносибати бародаронаи байни халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ асос гузошта буд.

Консепсияи ҳуқуқи инсон дар давраи тараққиёти давлату ҷамъият ба принсипи

баробарии синфҳо асос ёфта, он дар татбиқи таълимоти ҳуқуқи сотсиалистӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аллакай дар Конститутсияи якуми соли 1918 инъикос ёфта буд, муҳимтарин ба ҳисоб мерафт. С.А. Авакян чунин баён мекунад, ки Конститутсияи ҶШФСР соли 1918 дар сохтмони конститутсионии дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ нақши муҳимро иҷро кардааст, зеро он барои конститутсияҳои миллӣ дар танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ҳамчун намуна хизмат мекард [6, с. 54]. Тамоми ҳуқуқу озодиҳое, ки дар Конститусия эълон карда шудаанд, танҳо барои меҳнаткашон, яъне барои коргарон ва деҳқонон пешбинӣ шуда буданд. В.И. Ленин характери синфии Конститутсияро таъкид карда, навишта буд: «Мо ваъда намедиҳем, ки Конститутсия озодӣ ва баробарҳуқуқиро умуман таъмин мекунад. Озодӣ – аммо барои кадом синф ва он ба кадом мақсад истифода мешавад» [9, с. 424]. Ӯ ба моддаи 23 Конститутсияи ҶШФСР такя карда, чунин гуфта буд: «Мо рӯирост мегӯем, ки дар замони гузариш, дар замони муборизаи шадид мо на танҳо ба росту чап озодиро ваъда намедиҳем, балки пешакӣ мегуем, ки мо шаҳрвандонеро, ки ба ғалабаи сотсиалистӣ халал мерасонанд, аз ҳуқуқҳ маҳрум мекунем» [8, с. 294]. Консепсияи В.И. Ленин ва Ҳизби коммунистӣ ба барпо кардан ва мустаҳкам намудани идеологияи коммунизм, сохти сотсиалистӣ ва муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони шӯравӣ (коргарону деҳқонон) нигаронида шуда буд, ки ин боиси мустаҳкам шудани диктатураи пролетариат гардид.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Тоҷикистон дар заминаи таълимоти ҳуқуқи сотсиалистӣ вобаста ба давраи барқарор гардидани ҳокимияти шӯравӣ, ташаккули давлатдории нави тоҷикон дар ҳайъати ИҶШС ва қабули якумин Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон аз 28 апрели соли 1929 ба шумор меравад (инкишоф ёфтааст, меёфт, ки як ҷанбаи тадқиқоти мо ба он бахшида шудааст; ба ҳисоб меравад, ки сухан гуфтан мумкин аст). Маҳз ҳамон вақт аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи қонунгузорӣ эълон карда шуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз соли 1929 бори аввал дар таърих ҳуқуқҳои асосии инсонро таъмин намуда, ҳифзи онҳоро аз тарафи давлат эълон кард [11, с. 221]. Масалан, «...ба коргарону деҳқонон барои муттаҳид ва муташаккилии онҳо ҳамаҷониба кӯмак мерасонад (моддаи 7). Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон барои ба меҳнаткашон дастраси ҳақиқии таълиму дониш ва таъмин намудани меҳнаткашон дар назди худ вазифа мегузорад, ки ба коргарон ва деҳқонон маълумоти пурра, ҳаматарафа ва ройгон дода шавад (моддаи 9)» (Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар назди худ вазифа мегузорад, ки барои баланд бардоштани савияи, сатҳи дониш ва саводнокии меҳнаткашон шароити мусоид фароҳам оварад, ки ба коргарон ва деҳқонон ба таври ройгон гирифтани маълумоти миёнаи умумиро кафолат медиҳад (моддаи 9) В целях обеспечения за трудящимся действительного доступа к знанию Таджикская АССР ставит своей задачей предоставить рабочим и крестьянам полное всестороннее и бесплатное образование (ст. 9))» [2, с. 265].

Хусусиятҳои конститутсионии давлат, ҷамъият ва ҳуқуқи шӯравӣ аз он иборат аст, ки дар амал принсипи баробарҳуқуқии расмӣ рад карда шуда, гузариш ба баробарии иҷтимоӣ ба амал омад. Дар мисоли ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ин маънои ташаккули муносибатҳои ҷамъиятиро дар асоси консепсияи шӯравии ҳуқуқи инсон дорад, ки ба принсипҳои баробарии иҷтимоӣ, моликияти ҷамъиятӣ, ягонагии ҳуқуқу уҳдадориҳо, принсипи коллективизм асос ёфта, афзалияти ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, бартарияти манфиатҳои ҷамъият нисбат ба шахсият ба ҳисоб мерафт.

Аввалан, инро бояд қайд кард, ки мисли дигар халқҳои Осиёи Миёна халқи тоҷик дар солҳои 20-30-уми асри XX аз ҷамъияти анъанавии дорои урфу одат ва арзишҳои таърихан инкишофёфта, ки ба он хос буд, ба ҷамъияти сотсиалистӣ, ки дар асоси баробарии иҷтимоӣ бунёд шудааст, гузашт. Сониян, принсипҳои бунёди ҷамъияти шӯравӣ, ба монанди коллективизм, ёрии ҳамдигарӣ, афзалияти ӯҳдадориҳо нисбат ба ҳуқуқ, ки ба анъанаҳои

фарҳанги миллии халқи тоҷик мувофиқ буданд, дар амал татбиқ мегардиданд.

То қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1929 вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон бо як қатор ҳуҷҷатҳо танзим карда мешуд, ки масъалаҳои асосии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегирифт. Дар байни онҳо Эъломия дар бораи таъсис ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1926 ва Эъломия дар бораи дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1926 ҷорӣ намудани маълумоти умумии асосӣ мавқеи муҳимро ишғол карданд. Ин ҳуҷҷатҳо дар соли 1929, ҳамчун аввалин санадҳои муҳиммми ҳуқуқӣ барои ҶМШС Тоҷикистон асос гузошта буданд. (Ба монанди (Декларация об образовании Таджикской АССР от 1 декабря 1926) Эъломия дар бораи ташкил, таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1926 ва Эъломия оид ба ворид намудани таълими умумӣ дар ҶМШС Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1926 (Декларация о введении всеобщего обучения в Таджикской АССР от 12 декабря 1926 г.). Ин ҳӯҷҷатҳо минбаъд барои омода ва қабули аввалин Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон аз соли 1929 асоси таҳкурсии худро гузоштанд).

Марҳилаи навбатии ташаккули институти ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистони шӯравӣ ба ду рухдод алоқаманд аст: 16 октябри соли 1929 ба сифати ҷумҳурии иттифоқӣ ба ҳайъати ИҶШС дохил шудани ҷумҳурӣ ва 25 феврали соли 1931 қабул шудани Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон. Бояд гуфт, ки Конститутсияи мазкур боби алоҳидаи ҳуқуқи инсонро дар бар намегирифт, вале дар фасли якуми боби аввал «Муқарраროти умумӣ» як қатор ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар шуда буданд: озодии сухан (қисми 7); озодии иттиҳодияҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои шаҳрвандӣ (қисми 9); таъмини дастрасии омма ба донишу таълим, амалӣ намудани таҳсилоти умумии ҳатмӣ ва ройгон барои ҳамаи шаҳрвандон (қисми 11) [3, с. 327-328]. Ҳамаи нуқтаҳои дар боло зикршудаи Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, аз як тараф, роҳбарии мутамаркази давлат ва Ҳизби коммунистиро ба ҷомеаи халқи тоҷик ва, аз тарафи дигар, барои инкишофи ҳуқуқи инсон ва барҳам додани бесаводии аҳолӣ фароҳам омадани шароитро собит месохт.

Баъди Конститутсияи ИҶШС дар соли 1936, ки ғалабаи сотсиализмро дар ИҶШС эълон кард, 1 марти соли 1937 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷатҳо бори аввал ҳуқуқу озодиҳо ба тамоми аъзои ҷомеа, сарфи назар аз намуди фаъолияташон, дар сатҳи конститутсионӣ кафолат дода шуданд. Бори аввал дар таърихи Тоҷикистон дар боби алоҳидаи Конститутсия (боби IX) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии шаҳрвандон қайд карда шуданд. Дар ин Конститусия номгӯи васеи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон дода шудааст: ҳуқуқ ба меҳнат (моддаи 105), ҳуқуқ ба истироҳат (моддаи 106), ба таъминоти моддӣ дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ ва маъюбӣ (моддаи 107), ҳуқуқ ба таълим (моддаи 108) ва ғайра [4, с. 24-25].

Дар баробари ин, дар матни Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон норавшан монда буд, ки меҳнат кардан ҳуқуқ аст ё ӯҳдадорӣ. Дар моддаи 12 Конститутсия муқаррар шудааст, ки «меҳнат ӯҳдадории ҳар як шаҳрванд аст» ва дар моддаи 105 гуфта шудааст, ки «шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқ ба меҳнатро доранд» [4, с. 7, 25]. Баробарҳуқуқии занону мардон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ (моддаи 109), инчунин баробарии шаҳрвандон, сарфи назар аз нажод ва миллат (моддаи 110) мустаҳкам гардида буд. Дар баробари ҳуқуқҳо дар назди хар як шаҳрванди шӯравӣ вазифаву ӯҳдадориҳои зерин гузошта шудаанд: Конститутсияи ИҶШС ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистонро риоя кунанд (моддаи 117); моликияти ҷамъиятию сотсиалистиро ҳамчун асоси муқаддас ва дахлнопазири сохти шӯравӣ муҳофизат ва мустаҳкам кунанд (моддаи 118); уҳдадории умумии ҳарбӣ доранд (моддаи 119).

Аз рӯи консепсияи таърихӣ-назариявӣ қайд кардан лозим аст, ки Конститутсияи соли 1936 ИҶШС, Конститутсияи соли 1937 ҶШС Тоҷикистон ва дигар конститутсияҳои ҷумҳуриҳои

шӯравии сотсиалистӣ сарчашмаҳои пуркимати ҳуқуқ мебошанд, ки таълимоти шӯравиро дар бораи инсоният инъикос менамуданд. Қонунгузориҳо дар ҳаёти халқҳои ИҶШС ба мустаҳкам шудани ҳуқуқу вазифаҳои асосии шаҳрвандон дар ҷамъияти сотсиалистӣ ёрӣ мерасониданд. Дар конститутсияҳои мазкур мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии аз ҷониби давлат кафолатдодашуда, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат, таҳсил, гирифтани ёрии тиббӣ, муҳофизати модару кӯдак ва ғайраҳо муваффақияти асосии онҳо ба ҳисоб меравад.

Тағйироти сиёсию ҳуқуқӣ дар Осиёи Миёна дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ ба беҳбудии ҳаёти ҷамъиятӣ, муқаррар намудани адолати иҷтимоӣ дар ҷамъият вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ нигаронида шуда буданд. Интернатсионализм ва муттаҳидии халқҳои ИҶШС-ро ба назар гирифта, олими барҷастаи шӯравӣ, академик С.А. Раҷабов таъкид карда буд: «Сохти сотсиалистӣ тоҷиконро аз нав зинда ва сарбаланд гардонд, онҳоро ба роҳи васеи тараққиёт бурд, инкишофёбии ҳаматарафаро таъмин намуд. Ба шарофати ғалабаи сотсиализм дигаргуниҳои амиқи бунёдӣ ба амал омаданд, ки онҳо тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ ва маданиву маърифатӣ, ки фаъолият ва муносибатҳои инсониро фаро гирифтанд. <...> Халқи тоҷик дар оилаи вайроннашавандаи Иттиҳоди Шӯравӣ парчами озодиро баланд бардошта, ҳамроҳи дигар ҷумҳуриҳои шӯравии Осиёи Миёна дар Шарқ машъали коммунизм гардид» [12, с. 202]. Олим менависад, ки мероси гузашта – ақибмонии иҷтимоиву иқтисодии халки тоҷик дар гузашта аст.

Дар изҳороти худ Н.В. Колотова, ки хусусияти асосии муносибати шӯравиро нисбат ба ҳуқуқи инсон ғояи афзалияти ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ҳисобидааст, чунин мешуморад, ки манфиатҳои шахс ва давлат ба ҳамдигар мухолиф буда наметавонанд [14, с. 116]. Бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ин хусусият аз анъанаҳои тамаддунии кишвар бармеояд, ки дар замони шӯравӣ асосҳои иловагии идеологиро пайдо кардаанд. Ҳатто ҳуқуқи субъективӣ дар ин давра ҳамчун ҳуқуқе маънидод карда мешуд, ки «ба амалӣ намудани манфиатҳои на танҳо соҳибҳуқуқӣ, балки коллективе, ки ба он тааллуқ дорад, нигаронида шудааст» [10, с. 63-64], ин ба назар чунин менамояд, ки ба мафҳуми классикии ҳуқуқ, озодии шахс ҳамчун тадбири асосии инсон мухолифат намекунад. (ин исботи худро дорад, ки ҳатто ба назарияи, таълимоти, мафҳуми классикии ҳуқуқи инсон ба монанди озодии фардӣ, дахлнопазирӣ ва меҳнати фидокорона мухолиф набуд, зиддиятеро надошт).

Дар баробари ин, камбудии консепсияи сотсиалистии ҳуқуқи инсон дар он буд, ки ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ дар канори канор (музофот, охир) қарор гирифтаанд. Чуноне ки Д.Ю. Туманов қайд мекунад: «Ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон дар низоми умумии фазои ягона (координатҳо) дар ҷои охирин ҷойгир шуда буданд, ки ин пеш аз ҳама бо идеологияи ҳукмронии он замона шарҳ дода мешавад. Мувофиқи ақидаи марксизм, роҳи озодии инсон дар бартараф кардани индивидуализм (фардигароӣ), пароканда кардани инсон дар давлат (риоя кардани танҳо талаботҳои давлат, риоя намудани меъёрҳои ҳуқуқии аз тарафи давлат пешбинишуда) ва манфиатҳои инфиродӣ дар манфиатҳои синфӣ мебошад» [16, с. 10]. Вобаста ба ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии давраи шӯравӣ дар самти боло бурдани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз манфиатҳои инфиродӣ ташаккул ёфтаанд.

Ҳуқуқшиноси барҷастаи шӯравӣ В.А. Туманов ҳануз дар солҳои 70-уми асри XX кӯшиш карда буд, ки тибқи доктринаи Ғарб оид ба ҳуқуқҳои инсон назарияи сотсиалистии давлат ва ҳуқуқро бо мафҳумҳои фитрии ҳуқуқи инсон ба ҳам наздик созад ва «мазмуни умумии идеологии» онҳоро таъкид намояд. Вай навишта буд: «Таълимоти марксистиро дар бораи шуури ҳуқуқӣ, идеалҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон ба таври шартӣ таълимоти ҳуқуқи фитрӣ ва тафсири моддии он номидан мумкин аст» [15, с. 344]. Аммо ин тавр нашуд, зеро идеологияи коммунистӣ ва ҳокимияти шӯравӣ дар асоси коллективизм, ки бар шахспарастӣ истода (барои бартараф намудани, аз байн бурдани мафкураи индивидуализм (фардигароӣ)), вазифаро аз ҳуқуқ афзалтар донистааст, ташаккул ёфт.

Дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ мавқеи ҷолиби диққати илмӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон аз ҷониби И.Е. Фарбер баён шудааст. Ба ақидаи ӯ, «барои зиндагии инсони муосир неъматҳои

ибтидоии иҷтимоӣ, аз қабили хӯрок, сару либос, манзил, озодии меҳнати бидуни истисмор, истироҳати муътадил, таҳсил, поквиҷдонии инсон, озодии сухан ва ғайра заруранд». Муаллиф дар он ақида аст, ки «ин неъматҳои ибтидоӣ ҳуқуқҳои асосии одамоне мебошанд, ки новобаста аз эътирофнамоии давлат ва ҳуқуқ ба ҳаёт вуҷуд доранд» [17, с. 37].

Муҳаққиқ В.М. Чхиквадзе қайд мекунад, ки: «Ҳуқуқи инсон қоидаест, ки дар он маънои ғояи арзиши инсон ифшо мешавад» [13, с. 50]. Гуманизм ҳамчун принсипи асосии қонунияти сотсиалистӣ дар ҳуқуқҳои инсон хеле равшан зоҳир мегардад. Ин принсип дар он зоҳир меёбад, ки маҳз худи ӯ қадру қиммати олии инсонро инъикос менамояд, воситаи инкишофи ҳаматарафаи вай мебошад. Гузашта аз ин, инсондӯстӣ танҳо бо эътирофи арзиши шахсият маҳдуд намешавад, балки муборизаи қатъиро ба муқобили ҷиноятҳои зидди сулҳу башарият, таблиғи ҷангу хусумат, нажодпарастӣ ва миллатгароӣ, бо ҳама зуҳуроти шарри иҷтимоӣ талаб мекунад [18, с. 98-101]. Қонунгузории сотсиалистӣ арзишҳои инсондӯстиро дар моддаи аввал гузошта, ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки тамоюлҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии тараққиёти ҷамъият ва давлатро инъикос менамояд, пайваста таъмин мекард.

Идеологияи шӯравӣ арзишҳои асосии ҷамъияти сотсиалистиро мустаҳкам намуда, нақши бунёдии давлатро ҳамчун кафили асосии ҳуқуқу озодиҳои инсон гузошт. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки дар марҳилаи ибтидоии ташкил ёфтани Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа бартараф намудани зиддиятҳои асосии синфӣ буд. Аммо чунин вазъиятҳое буданд, ки эълони баробарҳуқуқӣ барои ҳамаи шаҳрвандон баробарии воқеиро ба вуҷуд оварда наметавонист. Барои ин ба давлат лозим буд, ки тадбирҳои комплексии дорои характери идеологӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиро андешад, то ки дар ҳақиқат баробарҳуқуқии ҳамаи миллату халқиятҳои сокини ИҶШС таъмин карда шавад.

Дар шароити сотсиализм дар байни инсон ва ҷамъият муносибатҳои куллан нав ба вуҷуд меоянд. Инсон вазифаи худро дар назди ҷамъият воқеъбинона фаҳмида, қобилияти амал, мақсад, саъю кушиши худро бо эҳтиёҷоти ҷамъияти сотсиалистӣ мувофиқ карда метавонад. Ба ҳам мувофиқ омадани манфиатҳои ҷамъият ва манфиатҳои шахс озодии инсонро ба андозаи муайян кафолат медиҳад.

Ба ақидаи Н.В. Колотова, «принсипи афзалияти ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ҳамеша яке аз муҳимтарин қисмҳои таркибии назарияи шӯравии ҳуқуқи инсон ҳисоб мешуд. Мафкураи давлати шӯравӣ асосан ба ӯ асос ёфтааст ва тааҷҷубовар нест, ки бо мурури замон он аҳаммияти қариб асотириро пайдо кардааст. Бо вуҷуди ин, қариб як қисми консепсияи дохилии ҳуқуқи инсон мебошад, ки ба амалияи конститутсионии давлатҳои гуногун таъсири калон расонида, дар сохти назариявии на танҳо давлатҳои сотсиалистӣ инъикос ёфтааст. (Маҳз Мафкураи Ғояи давлати шӯравӣ ба эътироф ва ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ замина гузошт, ки он бо мурури вақт яке аз таснифоти асосии ҳуқуқи инсон ба шумор рафта на танҳо дар сохти назариявӣ ва таҷрибаи конститусионии давлатҳои сотсиалистӣ, балки дар дигар давлатҳои ҷаҳон низ инъикос ёфта буд, мустаҳкам гардида буд). Ин муқаррарот ҳам дар консепсияи олимони ҳуқуқшинос ва ҳам дар амалияи конститутсионӣ эътирофи худро пайдо кардааст» [14, с. 121].

Консепсияи ҳуқуқҳои инсони шӯравӣ аз амалияи байналхалқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон – аз ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз бисёр ҷанбаҳо пеш гузаштааст. С.С. Алексеев дуруст қайд кардааст: «Ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ифтихори сотсиализм мебошанд, ки дар солҳои шӯравӣ ба ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон табдил ёфтаанд ва насли дуюми онҳо дар Паймони байналхалқии соли 1966 оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ инъикос ёфтаанд» [7, с. 649].

Мустаҳкамкунии минбаъдаи конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, ки 14 апрели соли 1978 баъд аз Конститутсияи ИҶШС соли 1977 қабул шуда буд, ба назар мерасид. Ин конститутсияҳо дараҷаи тараққиёти ҷамъиятро аз он ҷиҳат тавсиф мекунанд, ки давраи «сотсиализми мутараққӣ» ва дараҷаи

тараққиёти давлатро ҳамчун «давлати умумихалқӣ», бо ҳамин дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавҷуд набудани зиддиятҳои иҷтимоӣ ва миллиро эълон мекунанд.

Конститутсияи соли 1978 ҶШС Тоҷикистон назар ба Конститутсияи соли 1937 ба шаҳрвандон ҳуқуқу озодиҳои васеътарро пешниҳод мекард. Фасли дуюми Қонуни асосӣ «Давлат ва шахсият» ном дошта, дар он рӯйхати мукаммали ҳуқуқу озодиҳои инсон (боби VI) ва кафолатҳои онҳо (боби V) сабт шуда буд. Конститутсияи Тоҷикистон дар баробари ҳуқуқҳои шахсӣ (шаҳрвандӣ) ва иҷтимоиву иқтисодӣ доираи ҳуқуқҳои сиёсӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрвандро васеъ намуд. Масалан, аввалин маротиба ҳуқуқи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳокима ва қабули қонунҳо, қарорҳои дорои аҳамияти умумидавлатӣ ва маҳаллӣ дошта муқаррар карда шуда буд. Ин ҳуқуқро ҳуқуқҳои интихоб кардан ва интихоб шудан муайян мекард [5, с. 12-20].

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки бори аввал озодии виҷдон ва интихоби дин дар сатҳи конститутсионӣ (моддаи 50) муқаррар карда шуд, ки ин ба таҳкими ҳуқуқҳои фитрии инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Конститутсияи соли 1994 таъсири бевосита расонд.

Тафовути асосӣ дар он аст, ки дар Конститутсияи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ дошта, татбиқи принсипи бунёдии сохти конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар Конститутсияҳои давраи шӯравӣ хусусиятҳои он замон, ба монанди бартарии идеология бар қонун, коллективизм, таъминоти иҷтимоӣ, ки арзиши он дар некӯаҳволии тамоми халк ифода ёфта буд, пешбинӣ шудааст.

Консепсияи шӯравӣ ва асосҳои конститутсионии ҳуқуқи инсонро дар Тоҷикистон таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Иттиҳоди Шӯравӣ дар зери парчами идеологияи коммунизм халқу миллатҳои гуногунро сарфи назар аз пайдоиши иҷтимоиву фарҳангӣ, шуури нобаробари ҳуқуқии онҳо муттаҳид мекард ва хислатҳои равонии шарқии шӯравиро ба вуҷуд оварда, бо ҳамин ҷамъияти қонуниро таъсис дод, ки қариб ҳафтод сол арзи ҳастӣ дошт.

Чунин мешуморем, ки дар шароити имрӯза асосҳои илми ҳуқуқшиносии шӯравиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон татбиқ кардан «на танҳо мумкин, балки муҳим ҳам мебошад» [14, с. 127]. Ин дар Тоҷикистони муосир комилан дуруст аст, ки дар ҷараёни ворид кардани меъёрҳои ҳуқуқии Ғарб ба ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ, ки дар натиҷа таҷриба ва арзишҳои сотсиалистии давраи шӯравии ҳифзи ҳуқуқи инсон баъзан фаромӯш хоҳад шуд.

Хулоса, метавон гуфт, ки дар Конститутсияҳои Тоҷикистони шӯравӣ таҳкими ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд пайваста заминаҳои рушди минбаъдаи ин ниҳодро дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон фароҳам овардааст. Баробари дар Конститутсияи ИҶШС ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон мустаҳкам гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низоми мақомотҳои давлативу ҷамъиятӣ барои амали гардондани онҳо фаъолити худро ҳаматарафа ба роҳ иондаанд.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Декларация прав трудящихся и эксплуатируемого народа от 13 января 1918 г., № 15 // Собрание узаконений и распоряжений рабочего и крестьянского Правительства за 1917–1918 гг. - Москва, 1942. – С. 233-235.*
2. *Конституция (Основной закон) Таджикской АССР от 28 апреля 1929 г. / Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / сост. Т. Ф. Тахиров. – Душанбе, 2014. – С. 263-286.*
3. *Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 25 февраля 1931 года / Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / сост. Т.Ф. Тахиров. – Душанбе, 2014. – С. 326–348.*

4. *Конституция (Основной закон) Таджикской ССР: утверждена Чрезвычайным VI съездом Советов Таджикской ССР 1 марта 1937 г. (с изм. и доп. на 1 января 1965 г.). – Душанбе: Ирфон, 1965. – 32 с.*
5. *Конституция (Основной закон) Таджикской ССР: принята на внеочередной восьмой сессии Верховного Совета Таджикской ССР девятого созыва 14 апреля 1978 г. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 52 с.*
6. *Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. Изд. 2-е / С.А. Авакьян. – Москва: РЮИД, 2000. – 528 с.*
7. *Алексеев С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения / С.С. Алексеев. – Москва: НОРМА, 2001. – 752 с.*
8. *Ленин В.И. Пленум Всероссийского центрального совета профессиональных союзов 11 апреля 1919 г. Заключительное слово по докладу / Полн. собр. соч. – Москва: Политиздат, 1969. – Т. 38 – С. 275-296.*
9. *Ленин В.И. VII Всероссийский съезд Советов. Заключительное слово по докладу ВЦИК и Совнаркома. 6 декабря 1918 г. / Полн. собр. соч. – Москва: Политиздат, 1963. – Т. 39. – С. 385-436.*
10. *Мальцев Г.В. Социалистическое право и свобода личности / Г.В. Мальцев. – Москва: Юрид. лит., 1968. – 144 с.*
11. *Нематов А.Р. Права человека в культурно-исторической традиции таджикского народа // Права и свободы человека и гражданина: теоретические аспекты и юридическая практика: материалы ежегодной Международной научной конференции памяти профессора Феликса Михайловича Рудинского, 28 апреля 2016 года / под общ. ред. Д.А. Пашенцева / А.Р. Нематов. – Рязань: Концепция, 2016. – С. 219 – 223.*
12. *Раджабов С.А. В интернациональной семье советских республик / С.А. Раджабов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 296 с.*
13. *Социалистическая концепция прав человека: монография / отв. ред.: В.М. Чхиквадзе, Е.А. Лукашева. – Москва: Наука, 1986. – 224 с.*
14. *Трансформации прав человека в современном мире / отв. ред. А.Н. Савенков, рук. авт. колл. Н.В. Колотова. – Москва: Норма; ИНФРА-М, 2018. – 256 с.*
15. *Туманов В.А. Буржуазная правовая идеология: к критике учений о праве / В.А. Туманов. – Москва: Наука, 1971. – 382 с.*
16. *Туманов Д.Ю. Система прав и свобод граждан по Конституции СССР 1977 г. / Д.Ю. Туманов // Закон и право. – 2012. – №1. – С. 8-10.*
17. *Фарбер И.Е. Свобода и права человека в Советском государстве / И.Е. Фарбер. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1974. – 190 с.*
18. *Чхиквадзе В.М. Социалистический гуманизм и права человека / В.М. Чхиквадзе. – Москва: Наука, 1978. – 304 с.*

## REFERENCES:

1. *The Declaration of the Workers' Rights and exploited people since January 13, 1918 No. 15 // Collection Statute-Book and Orders of the Workers and Peasants of the Government for 1917–1918. M., 1942. - PP. 233-235.*
2. *The Constitution (Basic Law) of the Tajik ASSR of April 28, 1929 / Reader on the History of the State and Law of Tajikistan (1917–1994) / comp. T. F. Takhirov. - Dushanbe, 2014. - PP. 263-286.*
3. *The Constitution (Basic Law) of the Tajik Soviet Socialist Republic of February 25, 1931 / Reader on the History of the State and Law of Tajikistan (1917–1994) / comp. T.F. Takhirov. - Dushanbe, 2014. - PP. 326-348.*

**4.** *The Constitution (Basic Law) of the Tajik SSR: Confirmed by the Urgent VI Congress of Soviets of the Tajik SSR of March 1, 1937 (as amended and supplemented on January 1, 1965). - Dushanbe: Cognition, 1965. - 32 pp.*
**5.** *The Constitution (Basic Law) of the Tajik SSR: Adopted at the Urgent Eighth Session of the Supreme Council of the Tajik SSR of the Ninth Convocation of April 14, 1978 - Dushanbe: Cognition, 1979. - 52 pp.*
**6.** *Avakyan S.A. Constitution of Russia: nature, evolution, modernity. Ed. 2nd. - M.: RUID, 2000. - 528 pp.*
**7.** *Alekseev S.S. Rise to the right. Searches and solutions. - M.: NORMA, 2001. - 752 pp.*
**8.** *Lenin V.I. Plenum of the All-Russian Central Council of Trade Unions of April 11, 1919. Final Speech on the Report // Full. coll. op. - M.: Politizdat, 1969. - T. 38 - PP. 275-296.*
**9.** *Lenin V.I. VII All-Russian Congress of Soviets. Final Speech on the Report of the All-Russian Central Executive Committee and the Council of People's Commissars. December 6, 1918 // Full. coll. op. - M.: Politizdat, 1963. - T. 39. - PP. 385-436.*
**10.** *Maltsev G.V. Socialist law and the freedom of personality. M.: Yurid. lit., 1968. - 144 pp.*
**11.** *Nematov A.R. Human rights in the cultural and historical tradition of the Tajik people // Rights and Freedom of Man and Citizen: Theoretical Aspects and Legal Practice: Materials of the Annual International. Scientific Conference in Memory of Professor Felix Mikhailovich Rudinsky, April 28, 2016 / ed. ed. YES. Pashentsev. Ryazan: Concept, 2016. - PP. 219 - 223.*
**12.** *Radjabov S.A. In the International Family of Soviet Republics. - Dushanbe: Cognition, 1974. - 296 pp.*
**13.** *The Socialist Concept of Human Rights: Monograph / ed. editor: V.M. Chkhikvadze, E.A. Lukashev. M.: Science, 1986. - 224 pp.*
**14.** *Transformation of Human Rights in the Modern World / ed. ed. A.N. Savenkov, hands. ed. coll. N.V. Kolotov. – M.: Norma; INFRA-M, 2018. - 256 pp.*
**15.** *Tumanov V.A. Bourgeois Legal Ideology: Toward a Criticism of Teachings about Law. – M.: Science, 1971. – 382 pp.*
**16.** *Tumanov D.Yu. The system of Rights and Freedom of Citizens under the Constitution of the USSR of 1977 // Law and Right. - 2012. - No. 1. – PP. 8-10.*
**17.** *Farber I.E. Freedom and Human Rights in the Soviet State. - Saratov: Sarat Publishing House. un-ta, 1974. - 190 pp.*
**18.** *Chkhikvadze V.M. Socialist Humanism and Human Rights. – M.: Nauka, 1978. – 304 pp.*